Ба Шӯрои дисертатсионии 6D.КОА-012
назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
(Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мирзозода Аҳлиддин Довудхоҷа дар мавзӯи «Такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901 – Иқтисодиёти меҳнат) пешниҳод шудааст.**

Таҳқиқи масъалаҳои вобаста ба такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии захираҳои меҳнатӣ, алалхусус кормандони корхонаҳои саноатӣ дар шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрам арзёбӣ мегардад. Чунки барои вусъат бахшидан ба раванди саноатикунонии босуръати кишвар ва саҳмгузорӣ дар «Солҳои рушди саноат (2022-2026)», иҷрои таҳқиқотҳои илмӣ, ки ҷиҳати баландбардории ҳосилнокии меҳнат дар корхонаҳои саноатӣ мусоидат менамоянд, зарур мебошад.

Мазмуни мухтасари таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки дар автореферат оварда шудааст, саҳми муаллифро дар асосноккунии заминаҳои илмию назариявии ҳавасмандгардонӣ, омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ оид ба ҳавасмандгардонӣ ва муайяну ошкор намудани имкониятҳои роҳандозии он дар шароити корхонаҳои саноатии минтақаи Хатлон, таҳлилу арзёбии имкониятҳои молиявии субъектҳои соҳаи саноат дар самти ҳавасмандгардонии моддӣ ва дарёфти роҳу усулҳои такмили низоми ҳавасмандгардонии моддӣ дар корхонаҳои мазкур нишон медиҳад.

Мубрамии мавзӯи таҳқиқот дар автореферат бо рақамҳо ва ҳолатҳои воқеӣ асоснок карда шуда, зарурати рушди соҳаи саноат, нокифоягии ҳаҷми воситаҳои ҳавасмандгардонии моддӣ, ноустувории имкониятҳои молиявии корхонаҳои саноатӣ ҷиҳати ҳавасмандгардонии захираҳои меҳнатӣ ва такмили низоми ҳавасмандгардонии моддӣ қайд карда шудааст.

Муаллиф низоми ҳавасмандгардониҳои моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатии вилояти Хатлонро ҳамчун мавзӯи таҳқиқот дар доираи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва меҳнатӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, заминаҳои илмию назариявиро асоснок ва ҷиҳати такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандон як қатор тавсияҳои амалиро коркард кардааст.

Дар баробари он, ки автореферат навгониҳои зиёди характери илмӣ-амалидоштаро дар бар мегирад, аммо он аз норасоиҳо низ холӣ нест, аз ҷумла:

1. Дар автореферат аз таҳқиқи боби якум (саҳ.10-12) натиҷаҳои илмӣ бештар дар намуди матн оварда шудааст. Ба манфиати кор мебуд, агар ҳадди ақҷал як расм ва ё ҷадвали дигар дар ин боб ҷойгир карда мешуд.

2. Ҷадвали 1., ки маълумоти омори расмиро оид ба музди меҳнати кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯйи соҳаҳои иқтисодии вилояти Хатлон дар бар мегирад, дар сатҳи зарурӣ шарҳ дода нашудааст.

Эродҳои мазкур хислати тавсиявӣ дошта, ҳаргиз арзиши баланди илмии корро кам намекунад.

Сохтори автореферат ва интишороти довталаб пурра ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ мебошад. Мазмуни автореферат гувоҳи медиҳад, ки диссертатсия таҳқиқоти илмӣ буда, мустақилияти муалифро дар пажӯҳишу ҳалли муаммоҳои имии мавзӯи интихобшударо нишон медиҳад.

Дар маҷмуъ, аз омӯзиш ва таҳлили автореферати мазкур бар меояд, ки кори диссертатсионии Мирзозода Аҳлиддин Довудхоҷа дар мавзӯи «Такмили низоми ҳавасмандгардонии моддии меҳнати кормандони корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» ба ҳамаи талаботҳои Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нисбати диссертатсияҳои номзатӣ аз рӯи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва меъёргирии меҳнат (6D051901 – Иқтисодиёти меҳнат) ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси нишондодашуда сазовор мебошад.

Тақриздиҳанда:
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
декани факултети иқтисодиёт ва молияи
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон — Сатторов А.А.

Имзои Сатторов А.А.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДТТ — Бухориев Н.А.

“18” Сентябри 2023

**Суроғаи донишгоҳ:**
734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. Н.Қаробоев 63/3,
Телефон: +992(37) 234-79-88
Факс: +992(37) 234-79-88
E-mail: rectorat-favri-tut@mail.ru
Сомона: https:// www. tut.tj/